«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
**Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент**
**_______________ Сатторзода Б.А.**
**«_____» _________ 2025 сол**

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Ҳакимзода Яқуб Бахтиёр дар мавзуи «Масъалаҳои асосии шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (Ph.D)-доктор аз рӯи ихтисоси 6D030100-Ҳуқуқшиносӣ (6D030103 – Ҳуқуқи граждании, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмиллалии хусусӣ) пешниҳод шудааст**

1. **Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Ҳакимзода Яқуб Бахтиёр дар мавзуи «Масъалаҳои асосии шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (Ph.D)-доктор аз рӯи ихтисоси 6D030100-Ҳуқуқшиносӣ (6D030103 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмиллалии хусусӣ), ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.
2. **Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар марҳилаи рушди иқтисоди бозаргонии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо татбиқи принсипҳои конститутсионии ҳифзи ҳуқуқи моликият, озодии фаъолияти соҳибкорӣ ва ташаккули муомилоти устувори молумулкӣ тавсиф меёбад, зарурати такмили институтҳои муосири ҳуқуқи маданӣ беш аз пеш эҳсос мегардад. Яке аз чунин институтҳои калидӣ иҷораи молиявӣ (лизинг) мебошад, ки дар низоми ҳуқуқии миллӣ ҳамчун воситаи мураккаби ҳуқуқӣ-иқтисодӣ барои ба гардиш даровардани молу мулки истеҳсолӣ, ҷалби сармоя ва фароҳамоварии асосҳои моддии фаъолияти соҳибкорӣ хизмат мекунад. Лизинг ба субъектҳои хоҷагидор имкон медиҳад, ки бе истифодаи сармоягузории бузурги ибтидоӣ, молу мулки гаронбаҳо ва таҷҳизоти истеҳсолиро истифода бурда, тадриҷан қобилияти истеҳсолӣ ва рақобатпазирии худро тақвият диҳанд.

Танзими ҳуқуқии шартномаи лизинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси муқаррароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» амалӣ мегардад. Дар амалияи ҳуқуқии миллӣ ҳам омехтани шартномаи лизинг бо дигар шартномаҳои маданӣ, аз қабили иҷора, қарз, хариду фурӯш ва ғайраҳо ба назар мерасад. Ин омехтагӣ аксаран боиси хатогӣ дар муайян намудани табиати ҳуқуқии аҳд, мушкилоти татбиқи меъёрҳои танзимкунанда, пайдоиши баҳсҳои судӣ, халалдор гардидани суботи муомилоти маданӣ ва коҳиши ҳифзи ҳуқуқии тарафҳои шартнома

мегардад.

Бинобар ин, таҳқиқи амиқи илмии масоили назариявӣ ва амалии шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) бо дарназардошти қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои аҳамияти хоса мебошад. Ҳадафи чунин таҳқиқ на танҳо муайян кардани ҷойгоҳи лизинг дар низоми ҳуқуқи маданӣ, балки таҳлили моҳият, аломатҳои ҳуқуқӣ, таркиби шарт, ҳудуди ҷавобгарии тарафҳо, тартиби иҷрои уҳдадориҳо ва ҳимояи ҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои лизингӣ мебошад. Ҳамзамон, он баҳодиҳии сатҳи мутобиқати меъёрҳои миллӣ ба талаботи иқтисоди муосир, таҷрибаи байналмилалӣ ва эҳтиёҷоти амалии бозори дохилиро фаро мегирад.

Бинобар ин, таҳқиқоти диссертатсионии Ҳакимзода Якуб Бахтиёр дар мавзуи «Масъалаҳои асосии шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам амалӣ муҳим ба ҳисоб меравад.

**3. Дараҷаи асоснокkунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Дараҷаи асоснокии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳодҳои диссертатсияи Ҳакимзода Якуб Бахтиёр дар мавзуи «Масъалаҳои асосии шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар сатҳи олӣ арзёбӣ шуда, натиҷаҳои он аз таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории маданӣ, мавод ва таҷрибаи судӣ ва ҳамчунин доктринаи ҳуқуқӣ бармеоянд. Дар таҳқиқоти мазкур, бо корбурд аз усулҳои диалектикӣ, мантиқӣ-забонӣ, таҳлили низомнок, расмӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ масъалаҳои назариявӣ ва амалии шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) баррасӣ шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла гузоришҳои илмӣ ва хулосаю пешниҳод ҳамаҷиҳата ба мақсад мувофиқ аст. Чунки ҷамъи онҳо метавонанд дар такмили қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва умуман муҳити илми ватанӣ хизмат намоянд.

Гузориши илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, дорои арзиши баланди илмӣ мебошанд, зеро чунин як пажуҳиши мукаммали илмӣ дар муҳити илми ватанӣ нахустин қадам аст. Танҳо аз ҷониби як зумра олимон вобаста ба баъзе паҳлуҳои мавзуи мазкур то андозае таҳқиқоти илмӣ ба анҷом расида буду халос. Аз ин лиҳоз, муаллиф дар таҳия ва омодасозии диссертатсия мафҳум, аҳаммият, моҳият, хусусият, шартҳои муҳим, мазмун ва унсурҳои шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) ва дар ин замина дурнамои онро аз дидгоҳи навин мавриди пажӯҳиш қарор додааст.

Аҳаммияти илмиву амалии рисола ба андешаи муаллиф дар он аст, ки тамоми натиҷаҳои бадастомада метавонанд аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ баҳри такмили қонунгузории кишвар ва таҳияи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стартегӣ, ба монани барномаю консепсия ва стратегияҳои давлатӣ мусоидат намоянд. Муаллиф бо далелҳои муътамади илмӣ ва амалӣ пешниҳод кардааст, ки зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба ин самт ба миён омадааст. Хусусан пешниҳод шудааст, ки мафҳумҳои калидӣ ва истилоҳоти ҳуқуқие, ки дар қонунгузорӣ корбурд шудаанд, дақиқтар карда шаванд.

**4. Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда:**

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии Ҳакимзода Якуб Бахтиёр дар мавзӯи «Масъалаҳои асосии шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар он ифода меёбад, ки нахустин маротиба дар илми ҳуқуқи мадании ватанӣ таҳқиқи мукаммали диссертатсионӣ оид ба мушкилоти танзими ҳуқуқии мадании шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) анҷом дода шудааст. Дар рисола паҳлуҳои гуногуни шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар он меъёрҳои қонунгузорӣ шарҳу тафсир дода шуда, таҷрибаи қонунгузории давлатҳои хориҷӣ дар таносуб ва муқоиса бо қонунгузории миллӣ таҳлил гардида, барои мукаммалгардонии қонунгузории дахлдор пешниҳодҳо манзур гардидааст.

Дар диссертатсия вобаста ба мавзуи баррасишаванда масъалаҳои зерини муҳими назариявию амалӣ мавриди таҳқиқи амиқ қарор дода шудаанд:

Якум, таърихии пайдоиш ва рушди падидаи иҷораи молиявӣ (лизинг)-ро бо дарназардошти таҳқиқи таърихию ҳуқуқӣ ба: а) замони пайдоиши амалиётҳои лизингӣ (асри XIX); б) замони пайдоиши аввалин ташкилоти лизингӣ (асри XX, аниқтараш соли 1952); в) замони рушду инкишофи падидаи лизинг (баъди солҳои 60-уми асри XX) марҳилабандӣ намуда: таърихи ташаккул ва инкишофи падидаи лизинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо дарназардошти қабули зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ворид намудани тағйироту иловаҳои дахлдор ба онҳо, таъсиси ташкилоту ширкатҳои лизингӣ ва фаъолияти амалии онҳо ба ду марҳилаи асосӣ: аз соли 1999 то соли 2003; аз соли 2003 то имрӯз ҷудо намудааст.

Дуюм, дар таҳқиқоти мазкур масъалаи умумият ва фарқияти истилоҳи «иҷораи молиявӣ» ва «лизинг», инчунин мазмуну мавқеи шартномаи лизинг дар низоми дигар шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ мавриди таҳлил қарор дода шуда, пешниҳод карда шудаасст, ки истилоҳи «лизинг» васеъ буда, на танҳо нисбат ба «иҷораи молиявӣ», балки ба «лизинги амалиётӣ», «лизинги баргардонидашаванда» ва дигар намудҳои он татбиқ карда мешавад.

Сеюм, дар таҳқиқоти мазкур пешниҳод гардидааст, ки ба ҷои «мавзуи шартномаи лизинг» истилоҳи «объекти шартномаи лизинг» мавриди истифода қарор дода шуда, ба сифати объекти шартномаи лизинг новобаста аз он ки дар баъзе мавридҳо истилоҳи «молу мулк» ва ё ин ки «ашё» истифода карда шавад ҳам, дар мисоли объекти шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) истифода шудани истилоҳи «молу мулк» мувофиқи мақсад меҳисобад.

Чорум, ба ғайр аз асосҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ ҷиҳати қатъ кардани шартномаи лизинг асосҳои дигари қатъи шартномаи мазкур пешниҳод шудаанд, ки барои устувории муомилоти маданӣ ва пурра гардидани меъёрҳои қонунгузории маданӣ мусоидаткунанда ба ҳисоб меравад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаҳо ифода ёфтаанд, ки метавонанд, дар такмил додани меъёрҳои қонунгузории маданӣ вобаста ба шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) истифода шаванд.

Саҳеҳияти натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур бо истифода аз маҷмуи усулҳои илмии санҷидашуда, аз ҷумла усули диалектикӣ, таҳлили низомнок, мантиқӣ-забонӣ, расмӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ таъмин гардидааст. Дар кори мазкур маводҳои амалияи судӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ, қарорҳои Пленуми Суди Олии

Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон ва таҷрибаи ташкилоту ширкатҳои лизингӣ корбурд шудаанд, ки саҳеҳияти натиҷаҳо ва эътимоднокии хулосаҳоро ба таври назаррас баланд мебардорад.

Хулосаҳои илмии таълифшуда ба таҳқиқоти ҳамаҷонибаи илмии мавзуъ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ асос ёфта, далелҳои дар диссертатсия овардашуда аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ комилан боэътимод мебошанд.

Ҳамин тариқ, навгонии илмӣ ва саҳеҳияти натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур дорои заминаи устувори назариявӣ ва амалӣ буда, барои инкишофу тавсеаи минбаъдаи муомилоти иҷораи молиявӣ (лизинг), ривоҷи илми ҳуқуқи мадании ватанӣ ва инчунин такмили қонунгузории соҳа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти муҳим дорад.

**5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои диссертатсияи Ҳакимзода Я.Б. аз аҳаммияти бузургӣ илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бархӯрдор буда, дар ин замина ба инкишофи илми ҳуқуқи маданӣ, такмили қонунгузорӣ, дуруст ба роҳ мондани амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ, ҳифзи манфиатҳои иқтисодӣ ва дар амалӣ гардидан ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои тарафҳои шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) мусоидат менамояд. Таҳқиқоти мазкур фарогири нахустин таҳлили муфассали илмии ҳуқуқӣ оид ба мушкилот танзими ҳуқуқӣ ва масъалаҳои шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар он мафҳумҳои ба мавзуъ алоқаманд мушаххас ва мукаммал гардида, дар ин замина пешниҳод ва хулосаҳои муфид аз ҷониби муаллиф манзур шудаанд.

Ҳамзамон аҳаммияти илмии натиҷаҳои диссертатсия дар баланд гардидани маърифати ҳуқуқии мадании аҳолӣ, такмили андешаҳои илмӣ оид ба иҷораи молиявӣ ва ҳалли мушкилоти танзими ҳуқуқии мадании шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) ифода меёбад.

Натиҷаҳои амалии таҳқиқот қобилияти истифода дар беҳбуди фаъолияти мақомоти судӣ, мақомоти андоз, бонкҳо, ташкилоту ширкатҳои лизингиро дошта, баҳри ҳалли баҳсҳои ҳуқуқӣ, такмили қонунгузории маданӣ, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои тарафҳои шартнома кумак мерасонад.

Натиҷаҳои ба дастомада метавонад барои ба вуҷуд овардани эътимоди мутақобил байни лизингдеҳ ва лизинггир, коҳиши таваккали ҳуқуқӣ, ва беҳбуди фазои иқтисоди миллӣ замина гузорад. Ҳамзамон, натиҷаҳои диссертатсия дар баробари аҳаммияти иқтисодӣ аз аҳаммияти муҳимми иҷтимоӣ низ бархӯрдор мебошад, зеро агар шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) мавриди дурусти танзими ҳуқуқӣ қарор бигирад, метавонад барои рушди иҷтимоии ҷомеа ва ташаккули бахши хусусӣ заминагузор бошад.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои диссертатсияи мазкур аз лиҳози илмӣ боиси баланд гардидани донишҳои ҳуқуқӣ, аз лиҳози амалӣ сабаби икишофи низоми ҳуқуқӣ, аз лиҳози иқтисодӣ барои рушди муомилоти иҷораи молиявӣ ва аз лиҳози иҷтимоӣ ҷиҳати таҳкими шароити иҷтимоӣ ва эътимоди умумӣ дар ҷомеа мешавад.

**6. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии

натиҷаҳои таҳқиқ дар воқеӣ будани хулосаҳо, асоснокии илмии онҳо, мутобиқати мантиқии дохилӣ, таҳлили ҳаматарафаи назариявӣ ва амалии мушкилоти танзими ҳуқуқии мадании шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) бо дарназардошти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили маводи илмӣ ва амалӣ оид ба таҳқиқот, инчунин усулҳои татбиқгардидаи таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла усули диалектикӣ, таҳлили низомнок, мантиқӣ-забонӣ, расмӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ҳамчунин мутобиқати диссертатсия ба талаботи муқарраршуда, ифода мегардад.

Ҳамзамон, муаллиф ба таҳлили маводҳои воқеии амалияи судӣ, маълумотҳои оморӣ, таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ ва амалияи ташкилотҳои лизингӣ такя намудааст, ки асоси боэътимоди эмпирикиро барои натиҷаҳо ва хулосаҳо ташкил медиҳад.

Дурустии натиҷаҳои бадастомада бо истифодаи манбаъҳои боэътимоди илмию амалӣ, аз ҷумла адабиёти илмии ватанию хориҷӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ, инчунин маводҳо ва маълумотномаҳои бонкӣ ва ташкилотҳои лизингӣ тасдиқ гардидааст. Таҳлили густурдаи ин маводҳо имкон медиҳад, ки натиҷаҳо бо далелҳои воқеӣ тасдиқ гардида, аз нуқтаи назари илмӣ ва ҳуқуқӣ ба таври пурра дуруст бошанд.

Асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот дар он ифода ёфтааст, ки муаллиф бо корбурд аз таҳлили ҳамаҷониба, адабиёти ҳуқуқӣ ва амалияи воқеӣ пешниҳодҳои мушаххаси назариявию амалиро барои такмил додани қонунгузории маданӣ таҳия кардааст. Ҳар як хулоса ва пешниҳоди муаллиф бо далелҳои эътимодноки илмӣ, таҳлили мантиқӣ-забонӣ ва таҷрибаи воқеии ҳуқуқтатбиқкунӣ асоснок гардида, барои такмили қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти судӣ ва дигар мақомоти марбута заминаи кофӣ мегузоранд.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур бо дараҷаи баланди эътимоднокӣ, дурустӣ ва асоснокии илмӣ ва амалӣ фарқ карда, барои истифода дар фаъолияти илмӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ мувофиқ ва судманд мебошанд.

**7. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ Ҳакимзода Яқуб Бахтиёр дар таҳқиқоти диссертатсионӣ аз рӯйи сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти гузаронидашуда, нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, таҳлили қонунгузории амалкунанда, инчунин омода намудани мақолаҳои илмӣ ва баромадҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ муайян карда мешавад. Услуби навишт, масъалагузории илмӣ, муносибати дахлдор ба таҳлили мавзуи таҳқиқот, ҳамчунин маънидоднамоии меъёрҳои қонунгузорӣ ва дар ин замина таклифҳо барои такмили қонунгузорӣ саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад.

**8. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти мазкур дар 24 маводи илмӣ, аз ҷумла 10 мақола дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда, 12 мақола дар маҷаллаҳои дигар ва 2 маводи дигари илмӣ нашр гардидаанд. Дар ин нашрияҳо натиҷаҳои калидӣ, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодкардаи диссертант ба таври мушаххас ва

возеҳ баён ёфтаанд. Аз ҷумла:

[1-М]. Ҳакимов, Я.Б. Мафҳум ва хусусиятҳои иҷораи молиявӣ (лизинг) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // М.М. Соҳибзода, Я.Б. Ҳакимов // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – №1(50). – С. 148-156; ISSN 2664-0651.

[2-М]. Ҳакимов, Я.Б. Шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг): мафҳум ва хусусиятҳои он [Матн] // М.М. Соҳибзода, Я.Б. Ҳакимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ). – 2021. – №5. – С. 218-225; ISSN 2413-5151.

[3-М]. Ҳакимов, Я.Б. Танзими ҳуқуқии шаклҳои хусусигардонии моликияти давлатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Я.Б., Ҳакимов, Ш. Раҳимзода // Қонунгузорӣ. – 2021. – №2 (42). – С. 160-168; ISSN 2410-2903.

[4-М]. Ҳакимов, Я.Б. Таърихи пайдоиш ва инкишофи лизинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Я.Б. Ҳакимов // Қонунгузорӣ. – 2021. – №3 (43). – С. 76-80; ISSN 2410-2903.

[5-М]. Ҳакимов, Я.Б. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии танзими давлатии ҳосилхезгардонии заминҳои таъиноти кишоварзӣ бо қонунгузории давлатҳои хориҷӣ [Матн] // Я.Б. Ҳакимов, Ҷ.С. Суҳробзода // Қонунгузорӣ. – 2021. – №4 (44). – С. 86-91; ISSN 2410-2903.

[6-М]. Ҳакимов, Я.Б. Танзими ҳуқуқии муносибатҳои лизинг (иҷораи молиявӣ) дар соҳаи кишоварзӣ [Матн] // Я.Б. Ҳакимов, М.А. Тоҷидинов // Қонунгузорӣ. – 2022. – №1 (45). – С. 97-102; ISSN 2410-2903.

[7-М]. Ҳакимов, Я.Б. Мафҳум ва хусусиятҳои шартномаи иҷораи молиявӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // П.З. Мирзозода, Я.Б. Ҳакимов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2023. – №1(41). – С. 127-139; ISSN 2307 – 5198.

[8-М]. Ҳакимов, Я.Б. Предмети шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) [Матн] // П.З. Мирзозода, Я.Б. Ҳакимов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон – 2023. – №4 (32). – С.130-146; ISSN 2414-9217.

[9-М]. Ҳакимов, Я.Б. Асосҳои қатъ гардидани шартномаи лизинг тибқи қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Я.Б. Ҳакимов // Қонунгузорӣ. – 2024. – №4 (56). – С. 149-155; ISSN 2410-2903.

[10-М]. Ҳакимов, Я.Б. Падидаи иҷораи молиявӣ (лизинг) дар мамлакатҳои хориҷӣ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ [Матн] // Я.Б. Ҳакимов // Идоракунии давлатӣ. – 2024. – №4/2 (70). – С. 396-404; ISSN 2664-0651.

[11-М]. Хакимов, Я.Б. О понятии финансовой аренды и лизинга [Текст] // М.М. Сохибзода, Я.Б. Хакимов // XVIII International correspondence scientific specialized conference «International scientific review of the problems of Law, Sociology and Political science». (Boston. USA. January 26-27, 2021). – С. 4-14.

[12-М]. Ҳакимов, Я.Б. Рушд ва инкишофи лизинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Я.Б. Ҳакимов // Танзими ҳуқуқии самтҳои алоҳидаи соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба самтҳои алоҳидаи соҳибкорӣ» аз 7-уми октябри соли 2021) зери таҳрири докторони илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессорон Раҳимзода М.З., Сангинов Д.Ш. – Душанбе: Матбааи ДМТ. – 2021. – С. 322-332.

[13-М]. Ҳакимов, Я.Б. Танзими ҳуқуқии шартномаи лизинг дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон [Матн] // Я.Б. Ҳакимов // Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития: материалы IX Международная научно-практическая конференция, посвященная 30-летию независимости Республики Таджикистан и 25-летию Российско-Таджикского (Славянского) университета (Душанбе, 15-16 октября 2021 г.). – Душанбе: РТСУ, 2021. – С. 52-57.

[14-М]. Ҳакимов, Я.Б. Баъзе андешаҳо оид ба таърихи пайдоиш ва инкишофи лизинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Я.Б. Ҳакимов // Маводи конференсияи илмӣ-амалии олимони ҷавони ДМТ бахшида ба «Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (солҳои 2020-2040) 18-19-уми майи соли 2023. – Душанбе – 2023. – С. 60-64.

[15-М]. Хакимов, Я.Б. Некоторые мысли об истории возникновения и развития лизинга в республике Таджикистан [Текст] // Я.Б. Хакимов // International scientific-practical journal. «Endless light in science». Almaty. Kazakhstan (25 June 2023). - С. 281-284.

[16-М]. Ҳакимов, Я.Б. Истифодаи падидаи лизинг (иҷораи молиявӣ) дар соҳаи кишоварзӣ [Матн] // П.З. Мирзозода, Я.Б. Ҳакимов // International scientific-practical journal. «Endless light in science». Almaty. Kazakhstan (25 September 2023). – С. 88-92.

[17-М]. Ҳакимов, Я.Б. Ҳуқуқу уҳдадориҳои лизингдеҳ тибқи қонунгузории иҷораи молиявӣ (лизинг) [Матн] // Я.Б. Ҳакимов // Маводҳои конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон» (5-уми декабри соли 2023). – Душанбе, 2023. – С. 548-559.

[18-М]. Ҳакимов, Я.Б. Табиати ҳуқуқии шартномаи лизинг дар ҳуқуқи мадани [Матн] // П.З. Мирзозода, Я.Б. Ҳакимов // Маводи конференсияи илмӣ назариявии профессорону омӯзгорони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва эълон гардидани соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Мирзозода П.З. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Мавлоназарзода О.А. – Душанбе: ҶДММ «Аршам», 2024. – С. 56-68.

[19-М]. Ҳакимов, Я.Б. Ҳуқуқу уҳдадориҳои лизинггир тибқи шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) [Матн] // Я.Б. Ҳакимов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 100-солагии Виктор Аркадевич Ойгензихт «Танзими ҳуқуқии сайёҳӣ ва сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви пайвастаи АМИ Тоҷикистон Раҳимзода М.З., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Шонасридинов Н. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2024. – С. 186-195.

[20-М]. Ҳакимов, Я.Б. Таҳлили ҳуқуқии муқоисавии падидаи иҷораи молиявӣ (лизинг) дар мамлакатҳои хориҷӣ [Матн] // Я.Б. Ҳакимов, Ш.У. Саидов

// Международная научно-практическая конференция «Актуальные проблемы современности: взгляд молодёжи», посвящённая 30 – летию Конституции Республики Таджикистан и году Правового просвещения (Душанбе, 24 мая 2024 г.). – Душанбе: РТСУ, 2024. – С. 188-203.

[21-М]. Ҳакимов, Я.Б. Ҳуқуқу уҳдадориҳои фурӯшанда тибқи шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) [Матн] / П.З. Мирзозода, Я.Б. Ҳакимов // Ҳуқуқи инсон: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ: маводҳои конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ (6 декабри соли 2024) / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мирзозода П.З. – Душанбе: Сомон Принт, 2024. – С. 80-85.

[22-М]. Ҳакимов, Я.Б. Ҳуқуқҳои субъектони самти тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ [Матн] // Я.Б. Ҳакимов // Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои мубрами танзими ҳуқуқии тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ, илмию техникӣ ва паркҳои технологӣ: ҳолат, мушкилот ва дурнамо» (Бахшида ба 15 солагии таъсисёбии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024) (24-уми декабри соли 2024) // Зери назари номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Саидзода И.Ҳ. – Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2024. – С. 73-83.

[23-М]. Ҳакимов, Я.Б. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ислоҳоти замин» (тафсири оммавию илмӣ ва амалӣ): нашри аввал // Зери таҳрири Саидзода И.Ҳ. – директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент [Матн] / Я.Б. Ҳакимов, М.М. Соҳибзода, Ф.Ш. Шарифзода, М.А. Қодирзода, Ш.Х. Одиназода, М.А. Тоҷидинов, И.И. Исмоилӣ, Ҳ.Р. Раҳмонов, Ш.Б. Қодиров, Б.С. Шерзода. – Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2022. – 168 с.

[24-М]. Ҳакимов, Я.Б. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ» (тафсири оммавию илмӣ ва амалӣ): нашри аввал // Зери таҳрири Саидзода И.Ҳ. – директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент [Матн] / Я.Б. Ҳакимов, И.Ҳ. Саидзода, М.М. Соҳибзода, Ф.С. Сулаймонов, Н.Ф. Сафарзода, Ш.Х. Одиназода, М.А. Тоҷидинов, М.Т. Тоирзода, Б.С. Шерзода. – Душанбе: Контраст, 2024. – 232 с.

**9. Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Дар муқаддимаи кори мазкур аҳаммияти илмӣ ва амалии мавзуъ ба таври мушаххас асоснок гардида, сатҳи таҳқиқоти мавзуъ дар адабиёти илмӣ арзёбӣ гардида, мубрамияти мавзуи интихобшударо инъикос менамояд. Гузашта аз ин, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, объект ва мавзуи асосии он муайян гардида, асосҳои назариявӣ ва методологии он дақиқ карда шудаанд. Инчунин, заминаҳои эмпирикии таҳқиқот ва унсурҳои навгонии илмии мавзуи таҳқиқшуда ба таври мушаххас нишон дода шудаанд.

Нақша ва сохтори диссертатсия тавре тахия шудаанд, ки маҷмуи масъалаҳои муҳим ва зарурирo барои ҳалли мавзуи таҳқиқшаванда дарбар мегиранд.

**Сохтори рисолаи илмӣ** бо назардошти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи

интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 210 саҳифаро дар бар мегирад

Дар **боби якум – «Асосҳои танзими ҳуқуқи мадании иҷораи молиявӣ (лизинг)»** муаллиф ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муосири инкишофи танзими ҳуқуқи мадании иҷораи молиявӣ (лизинг)-ро мавриди таҳқиқ қарор дода, таваҷҷуҳи махсус ба масъалаҳои назариявии ташаккулёбӣ ва инкишофи падидаи иҷораи молиявӣ (лизинг) дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон равона намудааст. Бо таҳлили доираи васеъи адабиётҳо ва андешаҳои олимони гуногун муаллиф баён медорад, ки «дар ҳуқуқи маданӣ дар бисёри маврид истилоҳи «Падидаи лизинг бори аввал дар таҳрири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 декабри соли 1999 дар боби 33, §7 бо номи иҷораи молиявӣ (лизинг) ба вуҷуд омад. Боби мазкур асоси ҳуқуқии лизингро муайян намуда, фарогири 5 модда буд. Мафҳуми расмии шартномаи лизинг дар моддаи 693 Кодекси мазкур муқаррар шуда буд. Баъдан 2 январи соли 2019 ба Кодекси мазкур тағйиру иловаҳо ворид карда шуд, аз ҷумла ба моддаи 693 Кодекси мазкур, ки 2 қисми нав ба он илова гардид. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар сабаби он, ки яке аз масъалаҳои танзимнамоияш шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ маҳсуб меёфт, аз ин лиҳоз ба таври умумӣ мавзуи шартномаи лизингро ба танзим медарорад. Дар масъалаи шартномаи лизинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 апрели соли 2003 қонуни махсуси соҳавӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» қабул гардид. Агар ба қонунгузории кишвар диққат диҳем, маълум мегардад, ки истилоҳи иҷораи молиявиро аз аввал якҷо бо истилоҳи лизинг қайд намудаем. Аммо дар ин ҷо саволе ба миён меояд, ки оё иҷораи молиявӣ бо лизинг як аст? Истилоҳи иҷораи молиявӣ бо лизинг якҷо ба қонунгузории мо аз куҷо пайдо шуд? Инчунин, дигар саволҳои ба ин монанд.

Лизинги муосири тоҷик таърихи инкишофи худро дорад. Танзими ҳуқуқии лизинг дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон §7 боби 33 бо номи иҷораи молиявӣ (лизинг) сурат гирифта буд, ки айни замон ин масъала дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022 танзим карда мешавад. Ҳамчунин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» низ падидаи мазкурро бо номи иҷораи молиявӣ ва дар даруни аломати қавс «(лизинг)» муқаррар намудааст. Дар ин ҷо саволе ба миён меояд, ки лизинг ба иҷора тааллуқ дорад ё ба молия (маблағгузорӣ)? Мумкин истифодабарии истилоҳи иҷораи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин истифодаи таҷрибаи давлатҳои дигар ё ин ки истифодаи истилоҳи мазкур аз номи Конвенсияи УНИДРУА «Дар бораи лизинги байналмилалии молиявӣ» мебошад.

Ба ҳар ҳол дарк намудан лозим аст, ки оё иҷораи молиявӣ мазмуни пурраи лизингро фаро мегирад ва агар фаро гирад пас барои чӣ дар баробари иҷораи молиявӣ лизинг истифода шудааст? Аслан, истифодаи истилоҳи иҷораи молиявӣ ба ивази лизинг чандон мувофиқ нест, зеро иҷораи молиявӣ на ҳама аломатҳои лизингро фаро мегирад. Лизинг назар ба иҷораи молиявӣ васеътар мебошад, ки иҷораи молиявиро танҳо як намуди он эътироф кардан мумкин аст.» (саҳ 28-29).

Дар доираи боби мазкур низ муаллиф мафҳум, хусусият ва намудҳои иҷораи молиявӣ (лизинг)-ро ба таври муфассал баррасӣ ва таҳлил намуда, ба таври асоснок пешниҳод менамояд, ки «Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар баробари

лизинги молиявӣ, инчунин лизинги амалиётӣ ва баргардонидашаванда низ амал мекунад. Таҳлили адабиёти илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои байналмилалӣ ба мо нишон медиҳад, ки истифодаи истилоҳи иҷораи молиявӣ дарбаргирандаи хусусиятҳои хоси намудҳои алоҳидаи лизинг буда наметавонад. Зеро бо рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ва инкишофи қонунгузории маданӣ лизинг хусусияти васеътарро соҳиб гашта, танҳо иҷораи молиявиро дар назар надорад. Аз ин лиҳоз мувофиқи мақсад мешуморем, ки дар таҳрири нави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» сараввал аз номи Қонун ва баъдан дар матни он истилоҳи «иҷораи молиявӣ» хориҷ карда шуда, ба ивази он истифодабарии истилоҳи «лизинг»-ро дуруст мешуморем.» (саҳ.62). Муаллиф бо истифода аз таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ, таҳқиқи муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ бо дарназардошти аломатҳои шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) пешниҳоди дақиқ ва саривақтӣ анҷом додааст, ки боиси дастгирист.

**Дар боби дуюм .муаллиф масъалаи «Тавсифи умумии шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг)»** мавриди таҳлил қарор дода, ба таҳқиқи ҳамаҷонибаи унсурҳои шартномаи мазкур, аз ҷумла мафҳум ва табиати ҳуқуқ, мавзуъ ва объект, вазъи ҳуқуқии тарафҳои шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) ва ҳуқуқу уҳдадории онҳо бахшида шудааст.

Дар ин боб муаллиф ба таври ҳамаҷониба хусусиятҳои мавзуъ ва объекти шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг)-ро таҳлил намуда, бо истифода аз маводи назариявӣ ва амалии мавҷуда, масъалаҳои муҳимро баррасӣ намудааст. Дар рафти таҳқиқ, муаллиф аввалан мавзуи шартномаро ҳамчун шарти муҳим муайян намуда, хусусиятҳои алоҳидаи иҷораи молиявироро нишон додааст. Муаллиф дар робита ба ин масъала таъкид намудааст, ки «шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) дар низоми шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ мавқеи махсус дошта қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон онро ба низоми шартномаи иҷора дохил намудааст. Мафҳуми расмии шартномаи иҷораи молиявӣ дар моддаи 747 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст. Аз мафҳуми муқарраргардида, чунин нишонаҳои муҳими шартномаи мазкурро ҷудо намудан мумкин аст: - тарафҳои шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) – иҷорадеҳ (лизингдеҳ) ва иҷорагир (лизинггир) мебошад; - иҷорадеҳ уҳдадор аст, молу мулки нишондодаи иҷорагирро аз фурӯшандаи муайянкардаи ӯ харидорӣ намояд; - муносибат байни иҷорагир ва фурӯшанда мустақилона ба вуҷуд меояд» (саҳ.65).

Ҳамзамон, муаллиф дар натиҷаи таҳлили мавзуи шартномаи мазкур ба чунин хулоса меояд, ки «вобаста ба мавқеи шартномаи лизинг дар низоми шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ ҳаминро қайд кардан бамаврид аст, ки шартномаи лизингро ба ин ё он шартнома вобаста намудан ғайриимкон аст. Дар низоми шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ шартномаи лизинг бо доштани хусусиятҳои худ аз дигар шартномаҳо фарқ дошта онро ба ин ё он шартнома мансуб донистa наметавонем. Аз ин лиҳоз хуб мешуд, дар қонунгузории кишвар шартномаи мазкур аз низоми шартномаи иҷора гирифта шуда, чун шартномаи мустақили ҳуқуқи маданӣ эътироф карда шавад» (саҳ.84).

Ба таври дуруст мустаҳкам кардани шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) дар қонунгузории маданӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор рафта, риоя намудани

талаботи қонунгузорӣ дар ин самт зарур мебошад. Бо мақсади бартараф намудани баъзе аз муаммоҳо дар ин масъала муаллиф пешниҳод менамояд, ки «дар асоси таҳлили анҷомдодашуда ба мафҳуми шартномаи лизинг метавон чунин пешниҳод намуд: «илова намудани истилоҳи «минбаъд пайдо намудани ҳуқуқи ихтиёрдорӣ» ва «на танҳо бо мақсади соҳибкорӣ истифода шудани ин шартнома». Ҳамчунин дар баробари ин пешниҳод менамоем, ки мафҳуми дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» муқарраршуда бо мафҳуми болозикр мутобиқ кардашуда, мувофиқи мақсад мешуморем, ки мафҳуми шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) аз Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ карда шавад. Зеро аввалан дар ин масъала қонуни махсуси соҳавӣ амал мекунад, дуюм ин ки бо мақсади такрорнаёбии муқаррароти қонунгузорӣ аз нигоҳи техникаи қонунгузорӣ ва мутобиқ намудани он ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» анҷомдиҳии ин амал мувофиқи мақсад мебошад» (саҳ.82-83).

Дар зербоби дуюми ин боб муаллиф масъалаҳои мавзуъ ва объекти ин шартнома ба таври муфассал таҳлил менамояд. Омӯзиши вижагиҳои сохтори ҳуқуқии ҳар як шартномаи ҳуқуқии маданӣ, пеш аз ҳама, муайян кардани мавзуи онро дар назар дорад. Дар сурати мавҷуд набудани муқаррароти мушаххас дар шартнома оид ба мавзуи он, иҷрои он ғайриимкон мегардад ва шартнома аслан маънои худро гум мекунад ва аз ин рӯ, бояд баста нашуда ҳисобида шавад. Дар робита ба ин, бояд мавзуи шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) дар ҳуқуқи маданӣ мавриди таҳлил қарор дода шавад. Дар алоқамандӣ ба мавзуи шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) бояд қайд намуд, ки роҳҳои гуногуни муайяннамоии мавзуи шартнома дар адабиёти ҳуқуқӣ ҷой дорад. (саҳ.85).

Муаллиф зикр мекунад, ки истилоҳҳои «мавзуъ» ва «объект» аз нигоҳи этимологӣ маънохои гуногун дошта, дар қонунгузории мадании кишвар ба як маъно истифода карда шудаанд. Гарчанде дар аксар мавридҳо ҳолати мазкур дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон бартараф шуда бошад ҳам, дар муқоиса бо қонунгузории мадании пешина чунин муқаррар гардида буд. Албатта, диққати диссертантро дар таҳқиқот фарқият байни мавзуъ ва объекти шартномаи мазкур ҷалб намудааст ва иброз менамояд, ки «таҳлили қонунгузорӣ ва адабиёти илмӣ собит намуд, ки мавзуи шартномаи лизинг ба ғайр аз амали тарафҳои шартнома, инчунин молу мулке ки бо мақсади соҳибкорӣ ба лизинг дода мешавад, он низ баромад карда метавонад» (саҳ.93). Инчунин, вобаста ба он ки «андешаи эътирофи пул ва коғазҳои қимматнок ба сифати объекти лизинг қобили дастгирӣ нест, зеро пул ва коғазҳои қимматнок хусусияти истеъмолшавандагӣ доранд ва гардиши минбаъдаи онҳо ғайриимкон мебошад» (саҳ.104), қобили дастгирӣ буда, дар такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон назаррас маҳсуб меёбад.

Дар зербоби сеюми ин боб муаллиф вазъи ҳуқуқии тарафҳои шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) ва ҳуқуқу уҳдадории онҳоро мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Дар натиҷаи таҳлили вазъи ҳуқуқии тарафҳои шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) ва ҳуқуқу уҳдадории онҳо) муаллиф ба чунин натиҷа меояд, ки ҳар як тарафи шартномаи дар муомилоти маданӣ мавқеи махсуси худро дошта, ҳуқуқу уҳдадориҳои мушаххасро тибқи тартиби муқарраршудаи қонунгузорӣ соҳиб

мебошанд. Ин субъектонро қонунгузорӣ муқаррар намудааст, ки метавонанд ҳамчун тараф баромад намоянд. Дар шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) лизингдеҳ ва лизинггир ҳамчун субъекти асосӣ баромад намуда, фурӯшанда ҳамчун субъекти иловагӣ муқаррар карда шудааст (саҳ. 107).

Муаллиф вобаста ба мавзуи мазкур ба чунин хулоса меояд, ки «дар шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) гарчанде се субъект иштирок намоянд ҳам, аммо шартномаи мазкур шартномаи дутарафа буда, дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ истилоҳи субъектҳои шартнома ва тарафҳои шартнома тафовут доранд. Ба сифати субъектҳои асосии ин шартнома лизингдеҳ, лизинггир ва фурӯшанда баромад менамоянд. Шартномаи мазкурро бе мавҷудияти фурӯшанда дарк кардан ғайриимкон мебошад, зеро фурӯшанда ҳамчун субъект дар муносибатҳои лизингӣ баромад намуда, дар назди лизингдеҳ ва лизинггир дорои ҳуқуқу ухдадориҳои махсус мебошад. Аз ҳамин нуқтаи назар фурӯшанда низ бояд ҳамчун субъекти шартномаи мазкур дар ин муносибатҳо эътироф карда шавад».

Муаллиф вобаста ба масъалаи мазкур баҳои дурусти ҳуқуқӣ дода, андешаи мазкур қобили қабул мебошад, чунки шартномаи мазкур ба сифати шартномаи дутарафа дар муомилоти ҳуқуқи маданӣ баромад менамояд.

**Дар боби 3 – «Асосҳои қатъ гардидани шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) ва ҷавобгарии ҳуқуқи мадании тарафҳои он»** мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар асоси таҳлили қонунгузорӣ ва адабиёти ҳуқуқӣ масъалаи мазкур пурра ва ҳамаҷониби мавриди баррасӣ қарор гирифа, доир ба ин хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои пураҳаммияти амалӣ манзур шудаанд.

Муаллиф дар мавриди таҳлили асосҳои қатъ гардидани шартномаи мазкур зикр менамояд, ки асосҳои тағйирдиҳӣ ва бекор кардани шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) асосан дар моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» муқаррар карда шудааст, инчунин қоидаҳои умумӣ оид ба тағйирдиҳӣ ё бекор кардани ин шартнома дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шудааст.

Бекор кардани шартнома ва ё ин ки тағйир додани шартҳои шартнома аз иродаи тарафҳо вобастагӣ дорад. Бо талаби яке аз тарафҳо шартномаи лизинг метавонад пеш аз муҳлат бекор ё тағйир дода шавад. Ҳолатҳои тағйирдиҳӣ ва бекор кардан метавонад чи дар шартнома бо хоҳиши тарафҳо муқаррар карда шавад, агар тарафҳо дар шартнома ин асосҳоро дарҷ накарда бошанд, пас онҳо метавонанд тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври ихтиёрӣ ё ба таври судӣ шартномаро бекор намоянд (саҳ.137-138).

Муаллиф асосҳои қатъ гардидани шартномаро таҳлил намуда, бо мақсади пурра намуда меъёрҳои қонунгузорӣ хулоса ва пешниҳодҳои илмӣ ва амалӣ манзур менамояд. Маслалан муаллиф пешниҳод менамояд, ки «таҳлили қонунгузории маданӣ вобаста ба асосҳои тағйир додан ва бекор кардани шартномаи лизинг нишон медиҳад, ки бисёре аз меъёрҳо хусусияти такрорёбӣ дошта, асосҳои тағйирдиҳӣ ва бекор кардани шартномаи лизинг, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» муқаррар гардидааст, такрорёбии меъёрҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба асосҳои қатъ гардидани шартномаи иҷора мебошад. Аз ин лиҳоз

ҷиҳати бартараф намудани такрорёбии ин меъёрҳо мувофиқи мақсад аст, меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» вобаста ба асосҳои тағйирдиҳӣ ва бекор кардани шартнома таҷдиди назар карда шавад» (саҳ.148-149).

Дар зербоби охири ин боб ҷавобгарии ҳуқуқи мадании тарафҳо тибқи шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор гирифтааст.

Ҳангоми таҳлили ҷавобгарии ҳуқуқии мадании тарафҳои шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) муаллиф ба чунин натиҷа мерасад, ки муҳимтарин кафолати иҷрои шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ иҷрои дурусти уҳдадориҳои аз он ба миён омада аз ҷониби тарафҳои ин шартнома мебошад. Дар ҳолатҳое, ки уҳдадориҳо иҷро карда нашудаанд ё ба таври номатлуб иҷро карда мешаванд, онҳо вайроншуда маҳсуб меёбанд. Чунин вайронкуниҳо на танҳо ба тарафи дахлдори шартнома, балки ба тамоми механизми татбиқи лизинг зарари калон расонида метавонад. Бо мақсади пешгирӣ намудани чунин вайронкуниҳо, инчунин бартараф намудани оқибатҳои манфии онҳо ҷавобгарии маданӣ муқаррар карда шудааст (саҳ.151).

Ҳамзамон, муаллиф вобаста ба пурра намудани меъёрҳои қонунгузории маданӣ дар самти ҷавобгарии ҳуқуқии мадании тарафҳо дар шартномаи мазкур ва ислоҳи камбудиҳо пешниҳод менамояд, ки дар шартномаи лизинг муқаррар намудани як боби алоҳида вобаста ба ҷавобгарии тарафҳо мувофиқи мақсад мебошад. Аз ин лиҳоз хуб мешуд дар таҳрири нави Қонуни мазкур дар моддаи 7 ибораи «масъулияти тарафҳо» ба ибораи «ҷавобгарии тарафҳо» иваз карда шавад, зеро масъулияти тарафҳо фарогири ҳуқуқу уҳдадориҳо буда метавонад. Албатта масъулияти тарафҳо назар ба ҷавобгарии тарафҳо мафҳуми васеъ бошад ҳам, истифодабарии истилоҳи ҷавобгарии тарафҳо мувофиқ ба мақсад мебошад (саҳ.171).

**10. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Ҳакимзода Яқуб Бахтиёр дар мавзуи «Масъалаҳои асосии шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (Ph.D)-доктор аз рӯи ихтисоси 6D030100-Ҳуқуқшиносӣ (6D030103 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмиллалии хусусӣ) ба талаботи қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 30-юми сентябри соли 2021, №7 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**11. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии Ҳакимзода Яқуб Бахтиёр ба ихтисоси илмии дархостшаванда- 6D030100-Ҳуқуқшиносӣ (6D030103 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмиллалии хусусӣ) мувофиқат мекунад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад.

**12. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд холӣ нест ва

камубдиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертатсияро коста намегардонад. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи диссертант арзёбӣ мегарданд:

1. Дар нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, таносуби истилоҳи "предмет" ва "объект"- и шартномаи лизинг гузаронида шудааст, ки ба талаботи навгонии илмӣ ҷавобгӯ нест. Аслан, вай ба тавзеҳи таҳририи истилоҳот нигаронида шудааст ва ҳеҷ далели таъсири чунин тафовут ба ҳуқуқтатбиққунӣ, ҳалли низоъҳо ё инкишофи доктринаро дар бар намегирад. Ҳамзамон нишон дода нашудааст, ки чи гуна мушкилотро иваз кардани ин истилоҳот дар амалияи судӣ ва қонунгузорӣ ҳал менамояд. Умуман, пешниҳоди мазкур хусусияти эъломиявӣ дорад ва натиҷаи дахлдори илмиро нишон намедиҳад.

2. Дар саҳифаи 83 муаллиф қайд менамояд, ки истилоҳи «иҷораи молиявӣ» пурра маънои «лизинг»-ро дода наметавонад, аз ин лиҳоз мувофиқи мақсад аст, ки шартномаи мазкур на шартномаи иҷораи молиявӣ, балки шартномаи лизинг истифода карда шавад. Дар робита ба ин, оид ба фарқияти истилоҳҳои мазкур ва сабаби пурра дода натавонистани маънои лизинг дар истилоҳи истифодашавандаи иҷораи молиявӣ, ки имрӯз дар қонунгузорӣ истифода карда мешавад, фикри муаллиф шунида шавад.

3. Дар саҳифаи 135 муаллиф қайд намудааст, ки қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунии лизингдеҳ (дар шакли шахсони ҳуқуқӣ) на ҳама вақт дар як ҳолат ба вуҷуд омада дар як ҳолат қатъ мегардад, ҳастанд ҳолатҳое, ки аввал қобилияти ҳуқуқдорӣ ба вуҷуд меояд, баъдан қобилияти амалкунӣ пайдо мешавад. Дар асоси меъёрҳои пешбининамуди қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии шахсони воқеӣ дар як вақт ба вуҷуд омада, дар як вақт қатъ мегардад. Хоҳиш мекардам муаллиф оиди ин масъала равшанӣ андозад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраршуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 6D030100-Ҳуқуқшиносӣ (6D030103 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмиллалии хусусӣ) таҳия гардида мазмуни асосии кори таҳқикро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**13. Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулосаи диссертатсияи Ҳакимзода Яқуб Бахтиёр дар мавзуи «Масъалаҳои асосии шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (Ph.D)-доктор аз рӯи ихтисоси 6D030100-Ҳуқуқшиносӣ (6D030103 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмиллалии хусусӣ) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 6D030100-Ҳуқуқшиносӣ (6D030103 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмиллалии хусусӣ) сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и

Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Диссертасия ва автореферат дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Суратҷаласаи семинари васеи илмӣ-назариявӣ таҳти №6 аз 27-уми ноябри соли 2025.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Бобозода Ҷ.Қ., доктори илмҳои ҳуқуқщиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон омода карда шуда, дар ҷаласаи кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Дар маҷлис иштирок доштанд 10 нафар: тарафдор - 10 нафар, мукобил - бетараф нест. Суратҷаласаи кафедра таҳти №6 аз 27 -уми ноябри соли 2025.

**Раиси семинари илмӣ-назариявӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон — Табаров Н.А.

**Ташхисгар:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон — Бобозода Ҷ.Қ.

**Котиби ҷаласа:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон — Оралбаев Х.Х.

«Имзои Н.А. Табаров, Ҷ.Қ.Бобозода ва Х.Х. Оралбаев-ро тасдиқ мекунам»:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон — Мирҷамолов М.А.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ

Суроғаи муассисаи пешбар:
734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14
Тел.: (+992-37)-231-08-43.
E.mail: info@tgfeu.tj

«28» 11 соли 2025